ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо «Таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таҳаввули он дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа

Дар автореферати диссертатсияи Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо «Таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таҳаввули он дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик» масъалаи барои илмҳои муосири фалсафӣ ва воқеияти Тоҷикистон хеле муҳимму мубрам мавриди пажӯҳиши ҳамаҷониба қарор гирифтааст, зеро таҳқиқи ин масъала на танҳо барои фаҳмидани ташаккулу такомули мафҳумҳою истилоҳот, принсипҳо ва методҳои гуногуни илмӣ, балки инчунин барои муайян намудани марҳилаҳои ҳудуди инкишофи худи илм, аз ҷумла афкори фалсафӣ ниҳоят муҳим мебошад..

Дар қисмати муқаддимавии таҳқиқоти худ муаллиф мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, объекти таҳқиқот, предмети таҳқиқот, марҳилаҳои таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, заминаҳои эмпирикӣ ва пойгоҳи меъёрӣ-эмпирикии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои асосӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, соҳаи таҳқиқот, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқи мавзӯъ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро тибқи талаботи мавҷуда зикр карда, дар ҳамаи қисматҳои он масъалаҳоро аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудааст.

Аз таҳлили автореферати диссертатия бармеояд, ки масъалаи таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таҳаввули онро дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик муҳаққиқ дар се боб, ки аз нуҳ параграф иборат мебошанд, ба таври муфассал баррасӣ ва таҳлили фалсафӣ намудааст. Дар боби якуми рисола, ки "Сарчашмаҳои назариявии ташаккули таснифоти илм дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик" ном дорад, асосҳои методологии таснифоти илм дар таърихи фалсафа ва аҳамияти он, сарчашмаҳои назариявии аллохтонии таснифоти илм дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик, заминаҳои назариявии автохтонии таснифоти илм дар ин фалсафа ва масъалаҳои дигари марбут ба он таҳқиқ шудаанд, ки моҳияти масъалаи гузошташударо ба пуррагӣ равшан месозанд.

Боби дуюми диссертатия "Таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ (дар мисоли Абунасри Форобӣ ва Ибни Сино)" унвон дошта дар он, усулҳои маърифатии таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ, тартиби ҷойгиршавии илмҳои назарӣ дар доираи андешаҳои фалсафии намояндагони ин мактаб, сохтор ва унсурҳои илмҳои амалӣ дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва ғайра ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Бояд таъкид намуд, ки дар ин қисмати рисола муҳаққиқ фарқ байни назари Ибни Сино ва Абунасри Форобиро дар бораи мадинаи фозилаи махсусан таъкид доштааст, ки як назари нав дар илми ватанӣ мебошад.

Дар боби сеюми рисола бошад, яъне "Аҳамияти илмӣ ва методологии таснифоти илм дар ташаккул ва таҳаввули минбаъдаи фалсафаи асримиёнагии тоҷик", паҳлӯҳои дигари муҳимми мавзӯи таҳқиқшаванда фаро гирифта шудаанд. Инҷо муаллиф ба масъалаҳои таҳаввули минбаъдаи таснифоти илм дар таълимоти фалсафии пайравони мактаби машшоиёни асримиёнагии тоҷик, чунин таснифот дар таълимоти мактабҳои фалсафӣ, динӣ ва ирфонии ҳамин даврон, таъсири таснифоти илм дар ташаккули донишҳои фалсафаи

асримиёнагии тоҷик ва масъалаҳои дигар таваҷҷуҳ намудааст, ки ҳамагӣ моҳияти мавзӯъро ба пуррагӣ фаро мегиранд.

Дар асоси автореферати диссертатсияи Ниёзӣ Ё.Б. метавон чунин хулоса намуд, ки муаллифи он мавзӯи таҳқиқшавандаро аз дигоҳи илми муосир ва барои бардошти сабақҳо барои таърихи муосири мардуми тоҷик таҳқиқ намудааст. Аз ин рӯ, муаллиф таъкид доштааст, ки аз таснифоти илм дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик маълум мегардад, ки ниёгони мо илмро аз донишҳои ғайриилмӣ ҷудо намудаанд, ки он барои аз хурофоту таассуб дур сохтани насли муосир, фошсозии ақидаҳои ифротӣ ва зидди озодандешӣ, шарҳи холисонаи матнҳои динӣ, таҳкими гуногунандешӣ ва амсоли он аҳаммияти басо бузурги илмию иҷтимоӣ дорад.

Бо такя ба автореферати диссертатсия метавон чунин натиҷагирӣ намуд, ки масъалаҳои дар рисола мавриди таҳқиқ қароргирифта, мубрамияти мавзӯи таҳқиқот ва саривақтӣ будани онро барои назария ва амалияи имрӯза нишон медиҳанд. Ҳамзамон, ҳамаи ин мубрамияти мавзӯи дисертатсияро собит месозанд.

Ба ҳамаи ин дастовардҳои илмии диссертатсия нигоҳ накарда, дар автореферати он як қатор камбудиҳо низ вууд доранд, аз ҷумла дар саҳифаҳои 3,4, 28 ва 51-уми матн хатоҳои имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд.

Инчунин, дар қисмати натиҷаҳои илмии диссертатсия оид ба мантиқи риёзие, ки Абурайҳони Беруниӣ онро асос гузошта буд, сухан меравад, вале хуб мебуд, агар ин дар фаслу боби дахлдори автореферати рисола шарҳи мухтасари худро меёфт.

Аммо ин камбудиҳо ҷузъӣ буда, сифати таҳқиқотро намекоҳонанд. Бо ҳамин сабаб, дар асоси автореферат метавон хулоса намуд, ки диссертатсияи Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо «Таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таҳаввули он дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи

ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа ба тамоми талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа мебошад.

И.в. мудири шуъбаи фалсафаи иҷтимоии
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ
ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоуддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
доктори илмҳои фалсафа, профессор **Х.М. Зиёӣ**

Имзои Х.М. Зиёиро тасдиқ мекунам.
Мутахассиси кадрҳои ИФСҲ АМИТ **Х. Шозедов**